**КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №9, мод. 838; с. 2013, №12, мод. 889, мод. 890; с. 2015, №3, мод. 210, №11, мод. 965, мод. 966; с. 2016, №3, мод. 150, №11, мод. 883, №11; с. 2017, №1-2, мод. 21, №5, қ. 1, мод. 280; Қонунҳои ҶТ аз 21.02.2018 с., № 1510; аз 21.02.2018 с., № 1511; аз 03.08.2018 с., №1546; аз 04.04.2019 с., № 1599; аз 20.06.2019 с., №1620)

# ФАСЛИ XVII. НИЗОМҲОИ ИМТИЁЗНОКИ АНДОЗ

## БОБИ 46. АНДОЗБАНДИИ СОХТМОНИ НЕРӮГОҲҲОИ БАРҚИ ОБӢ

### Моддаи 312. Имтиёзҳо ҳангоми сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ

1. Дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ (минбаъд- сохтмон) дар ***ҳудуди*** Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишгари сохтмон ва пудратчии генералии сохтмон метавонанд аз пардохти андозҳои зерин (аз лаҳзаи фаро расидани мӯҳлати пардохт), ки бевосита ба сохтмон алоқаманд мебошанд, тибқи номгӯи андозҳо, ба андоза ва мӯҳлати (давраи) муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қисми 5 ҳамин модда пурра ё қисман озод карда шаванд: **(ҚҶТ аз 21.02.18 с., №1511)**

-андоз аз арзиши иловашуда;

-андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

-андоз аз фоида (андоз низоми соддакардашуда);

-андоз аз воситаҳои нақлиёт;

-андоз аз молу мулки ғайриманқул;

-андози иҷтимоӣ нисбат ба шахсони хориҷие, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ фаъолият мекунанд;

- боҷи давлатӣ барои бақайдгирии тарҳи эмиссияҳои коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ, ки бинобар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ амалӣ шудаанд.

2. Воридоти молҳо барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти махсусан *муҳим* ба ҳисоб мераванд, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ бо тартиби муқаррарнамудаи сархати ҳафтуми қисми 4 моддаи 169Кодекси мазкур ва моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 18.03.15с., №1188)**
3. Дар давраи сохтмон таҳвилгарони молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) барои сохтмони дар боло пешбинигардидаметавонанд аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд бевосита нисбат ба сохтмони (вобаста ба сохтмони) нерӯгоҳи барқи обӣ ҳисоб карда шаванд, бо андозаи озодкунӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми 5 ҳамин моддамуайян менамояд, пурра ё қисман озод карда шаванд.
4. Ҳамзамон, ба сифати таҳвилгарони сохтмон шахсони ҳуқуқие баррасӣ мешаванд, ки бо фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ё пудратчии генералии он қарордодҳои (шартномаҳои, созишномаҳои) пешбиникунандаи таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои марбут ба сохтмонро ба имзо расонидаанд.
5. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд:

- мӯҳлатҳо, намудҳо ва андозаҳои андозҳои аз пардохт озодшаванда аз номгӯи муайяннамудаи қисмҳои 1 ва 3 ҳамин модда, ки ба онҳо имтиёзи мазкур дода мешавад;

-бо пешниҳоди мутобиқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика- фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ;

- бо пешниҳоди мувофиқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика дар якҷоягӣ бо фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ тайёркардашуда – давраи (мӯҳлати) сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ.

6. Нисбат ба имтиёзҳои пешбининамудаи қисмҳои 1-5 ҳамин модда муқаррар карда шавад:

-қарордодҳои (шартномаҳои, созишномаҳои) марбут ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ қарордодҳо (шартномаҳо, созишномаҳо) эътироф карда мешаванд, ки аз ҷониби фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар асоси сметаи сохтмон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сохтмон тасдиқ карда шудаанд;

- имтиёзҳои андоз ба қарордодҳое (шартномаҳое, созишномаҳое) дода мешавад, ки ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ марбутанд ва дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ баста шуда, бояд то ба охир расиданидавраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ анҷом ёбанд.

7. Фармоишгари сохтмон, пудратчии генералии сохтмон ва таҳвилгарони молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) онҳо аз иҷрои дигар ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур озод намебошанд.
8. Дастурамал оид ба андозбандии сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, инчунин шаклҳои эъломияҳо (ҳисоботҳо, маълумот) аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.